## Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
## ҚАРОР

аз 28 феврали соли 2025 № 141

**ш. Душанбе**

Дар бораи Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044

Мутобиқи моддаҳои 4 ва 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р   м е к у н а д:

1. Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044 ва Нақшаи амали Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044 дар солҳои 2025-2027 тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Амалисозии Стратегияи мазкур дар доираи маблағҳои ҳамасола барои вазорату идораҳо ва муассисаҳои таълимӣ пешбинишавандаи буҷети давлатӣ, инчунин аз ҳисоби маблағҳои ғайрибуҷетӣ, шарикони рушд, грантҳо ва сарчашмаҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, анҷом дода шавад.

3. Вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати амалисозии Стратегияи мазкур ва Нақшаи амали он тадбирҳои мушаххас андешида, ҳар сол то 10 январ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

4. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷараёни амалисозии Стратегияи мазкур ва Нақшаи амали он ҳар сол то 1 феврал ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот манзур намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

Эмомалӣ Раҳмон

## Правительство Республики Таджикистан
## ПОСТАНОВЛЕНИЕ

от 28 февраля 2025 года № 141

**г. Душанбе**

О Национальной стратегии оценки качества образования в Республике Таджикистан на период до 2044 года

В соответствии со статьями 4 и 12 Закона Республики Таджикистан «О стратегическом планировании и государственном прогнозировании» Правительство Республики Таджикистан п о с т а н о в л я е т:

1. Утвердить Национальную стратегию оценки качества образования в Республике Таджикистан на период до 2044 года и План действий Национальной стратегии оценки качества образования в Республике Таджикистан на период до 2044 года на 2025-2027 годы (приложения 1 и 2).

2. Реализацию настоящей Стратегии осуществить в рамках средств, ежегодно предусматриваемых в государственном бюджете для министерств, ведомств и образовательных учреждений, а также за счёт внебюджетных средств, партнёров по развитию, грантов и других источников, не запрещённых законодательством Республики Таджикистан.

3. Соответствующим министерствам и ведомствам, местным исполнительным органам государственной власти принять конкретные меры по реализации настоящей Стратегии и её Плана действий и ежегодно до 10 января представлять информацию в Министерство образования и науки Республики Таджикистан.

4. Министерству образования и науки Республики Таджикистан ежегодно до 1 февраля представлять информацию о ходе реализации настоящей Стратегии и её Плана действий в Правительство Республики Таджикистан.

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан

ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

Эмомали Рахмон

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «28» феврали соли 2025, №141

Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044 (минбаъд - Стратегия) дар асоси Консепсияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2024, №240 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст. Стратегия ҳамчун воситаи амалисозии Консепсияи мазкур ба такмили низоми маориф бо мақсади таъмини сифати таҳсилот тавассути ба роҳ мондани низоми арзёбӣ равона шудааст.

2. Стратегия ҳамчунин ба такмили раванди таълим равона шуда, ба таъмини сифати таҳсилот дар Тоҷикистон мусоидат ва барои иштирок дар арзёбии байналмилалии сифати таҳсилот замина мегузорад.

3. Сифати таҳсилот бо дарназардошти таъмини шароити мусоид барои таълиму тарбия, иқтидори кадрӣ, адабиёти таълимии ба қобилияти зеҳнию физиологии тарбиягирандагону таълимгирандагон мутобиқаткунанда, воситаҳои таълимӣ, маводди методию аёнӣ, инчунин аз худкунии барномаҳои таълимию тарбиявии мутобиқ ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот мавриди арзёбӣ қарор мегирад.

## 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪ

4. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати идоракунии сифати таҳсилот дар назди вазорату идораҳои дахлдор ва муассисаҳои таълимӣ шуъба, бахш ва гурӯҳҳои масъул барои идоракунии сифати таҳсилот фаъолият доранд.

5. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми бисёрзинагии таҳсилот (бакалавриат, мутахассис, магистр) доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, доктор ҳабилитат дар ҳамбастагӣ ба роҳ монда шуда, бо дарназардошти зинаҳои таҳсилот натиҷагирӣ карда мешаванд.

6. Арзёбии сифати таҳсилот дар шароити замони ҳозира бо дарназардошти азхудкунии барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва ибтидоии касбӣ дар асоси низоми баҳогузории панҷхола (2-5) ба роҳ монда мешавад ва дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар асоси низоми баҳогузории садхола татбиқ мегардад.

7. Натиҷаи таҳлилҳо нишон дод, ки соли 2024 сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба 35,1 дарсад, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии типи нав 42,1 дарсад, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 35,7 дарсад, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 39,5 дарсад ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 44,3 дарсад баробар аст.



Инчунин, азхудкунии барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба 93,1 дарсад, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии типи нав 95,1 дарсад, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 71,3 дарсад, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 76,3 дарсад ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 85,3 дарсад муайян карда шуд.

8. Арзёбии сифати таҳсилот ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар нимсолаи якум ва дуюми соли таҳсил гузаронида мешавад. Арзёбӣ дар асоси гузаронидани мониторинги сифати таҳсилот натиҷагирӣ карда мешавад.

## 3. МУШКИЛОТИ АРЗЁБИИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН

9. Мушкилоти арзёбии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ:
- риоя нагардидани принсипҳои арзёбӣ;
- мукаммал набудани меъёрҳо, воситаҳо ва таснифоти дараҷаҳои арзёбӣ;
- аз ҷониби омӯзгорон ба таври кофӣ истифода нагардидани усулҳои муосири арзёбии кишварҳои пешрафта дар раванди таълим;
- таҳлили нопурраи натиҷаҳои арзёбии фаъолияти таълимии таълимгирандагон ва омӯзгорон аз ҷониби раёсату шуъбаҳои маориф, инчунин дар сатҳи зарурӣ омода накардани ҳисобот ҷиҳати бартарафсозии мушкилоти ҷойдошта;
- мавҷуд набудани нишондиҳандаҳо (индикаторҳо)-и ягона ҷиҳати ба таври воқеӣ муайян намудани сифати таҳсилот;
- ба талаботи замони муосир ҷавобгӯй набудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаҳои арзёбӣ дар соҳаи маориф;
- таҳия нагаштани моделҳои арзёбӣ вобаста ба намуд ва зинаҳои таҳсилот, инчунин ниёзҳои таълимгирандагони имконияташон маҳдуд;
- дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани ҳамкориҳои сохторҳои дахлдори соҳаи маориф бо ташкилотҳои дахлдори кишварҳои пешрафта оид ба масъалаҳои арзёбии сифат;
- мавҷуд набудани механизми ягонаи арзёбии сифати таҳсилот дар низоми маориф;
- ба таври зарурӣ маблағгузорӣ нагардидани гурӯҳҳои идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

10. Роҳҳои ҳалли мушкилоти арзёбии сифати таҳсилот:
- таҳия намудани усулҳои арзёбӣ;
- тавсеаи мониторинг ва арзёбии сифати таҳсилот дар сатҳи давлатӣ;
- таҷдиди назар намудани стандартҳо, нақшаву барномаҳои таълимӣ, инчунин такмили ихтисоси омӯзгорон;
- арзёбии адабиёти таълимӣ (аз ҷумла китобҳои дарсӣ);
- ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълим;
- таваҷҷуҳ намудан ба рушди малакаҳои тафаккури интиқодӣ ва эҷодкорӣ дар раванди таълим;
- дастгирии таҳсилоти фарогир бо дарназардошти ниёзҳои гуногуни

таълимгирандагон;

- таъмини шаффофият ва дастрасии маълумот дар бораи сифати таҳсилот ҷиҳати идоракунии самаранок ва ислоҳи камбудиҳо дар ин самт;

- ҷалби мақомоти дахлдор ба раванди таҳия ва таҷдиди стандарту нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ;

- дастгирии таҳқиқоти педагогӣ барои дарёфти усулҳои инноватсионии таълим, инчунин таъмини имкониятҳои баробар ва дастрасӣ ба таҳсилот барои ҳамаи қишрҳои ҷомеа.

## 4. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ СТРАТЕГИЯ

11. Мақсади таҳияи Стартегия ин баланд бардоштани сифати таҳсилот, ба танзим даровардани низоми миллии арзёбӣ ва мутобиқсозии низоми маорифи кишвар ба меъёрҳои байналмилалӣ дар ҳама зинаҳои таҳсилот мебошад. Стратегия барои рушди зеҳнии омӯзгорону мураббиён бо мақсади такмили фаъолияти таълимӣ-методӣ (дастгирии методӣ, такмили ихтисос, омода намудани омӯзгорони оянда дар зинаи таҳсилоти касбӣ) мусоидат мекунад.

12. Стратегияи мазкур ба амалишавии ҳадафҳои зерин мусоидат мекунад:

- мутобиқати барномаҳои таълимӣ бо стандартҳои фанӣ;
- таъмини арзёбии барномаҳои таълимӣ;
- таъмин намудани сифати адабиёти таълимӣ;
- арзёбии натиҷаи фаъолияти таълимии тарбиягирандагон ва таълимгирандагон;
- мониторинги дастовардҳои тарбиягирандагон ва таълимгирандагон;
- ташкили механизми муосири баҳогузорӣ ва арзёбии мониторинги стандартҳои давлатии таҳсилот;
- заминагузорӣ ба арзёбиҳои миллӣ ва байналмилалӣ;
- ба низом даровардани идоракунии раванди таълим;
- таҳкими заминаи моддӣ-техникӣ.

13. Вазифаҳои Стратегия:

- такмил додани раванди таълиму тарбия;
- ба даст овардани маълумот оид ба дастовардҳои таълимгирандагон;
- истифодаи самараноки натиҷаҳои арзёбӣ;
- такмили стандартҳои таҳсилоти, нақша ва барномаҳои таълимӣ;
- гузаронидани арзёбӣ барои баланд бардоштани сифати таълим дар сатҳи академӣ-таълимӣ, ниҳодӣ ва миллӣ бо мақсади иштирок дар арзёбиҳои байналмилалӣ;
- ба роҳ мондани ҳамкории зич миёни омӯзгорон ва тарбиягирандагону таълимгирандагон, волидайн (шахсони онҳоро ивазкунанда), муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди арзёбии сифати таҳсилот;



- таҳияи барномаҳову модулҳо, дастурҳои методӣ ва омода намудани тренерони сатҳи миллӣ ва минтақавӣ оид ба масъалаҳои арзёбии сифати таҳсилот;

- марҳила ба марҳила аз омӯзиш гузаронидани омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ оид ба истифодаи механизми миллии арзёбии сифати таҳсилот;

- таҳияи дастуру роҳнамо барои кадрҳои роҳбарикунанда (сардорони раёсат, мудирони шуъба, бахш ва роҳбарони гурӯҳҳои идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ) ҷиҳати баргузории самараноки арзёбӣ;

- ташкили семинарҳои омӯзишӣ барои мутахассисон ва омӯзгорон оид ба истифодаи воситаҳои таҳияшудаи арзёбии сифати таҳсилот дар ҳама зинаҳои таҳсилот;

- татбиқи технологияҳои муосири таълим барои арзёбӣ;

- банақшагирии чорабиниҳо ҷиҳати ворид намудани тағйирот ба низоми миллии арзёбии таҳсилот тавассути баргузории семинару конференсияҳо.

## 5. САМТҲОИ АСОСӢ ВА НИШОНДИҲАНДАҲОИ СТРАТЕГИЯ

14. Стратегия ҷанбаҳои зеринро фаро мегирад:

- идоракунии раванди арзёбӣ;
- таҳлили нишондодҳо;
- фардикунонии раванди таълиму тарбия;
- такмили ихтисос;
- таҷдиди назар намудани адабиёти таълимӣ;
- рақамикунонии раванди таълим;
- таҳким бахшидани малака ва маҳорати тарбиягирандагону таълимгирандагон.

15. Стратегия барои расидан ба ҳадафҳои рушди таҳсилоти босифат, дар ҳама зинаҳои таҳсилот ва таъмини рақобатпазирӣ дар бозори меҳнат вобаста ба иқтисодиёти миллӣ замина мегузорад.

16. Самтҳои асосии амалисозии Стратегия:

- сиёсати баҳодиҳӣ ва идоракунӣ, таҳия ва ҷорӣ намудани стандартҳо ва расмиёти арзёбӣ, таҳияи маводди таълимӣ ва дастурҳо барои омӯзгорон;

- арзёбии ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ, ҷорӣ намудани низоми арзёбие, ки на танҳо донишҳои академӣ, инчунин тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ ва малакаҳои ҳамкориро баҳо медиҳад;

- технологияҳои рақамӣ, ҳамгироии воситаҳои рақамӣ барои идоракунии арзёбӣ, таҳлили натиҷаҳо ва фардӣ кардани таълим;

- такмили ихтисоси омӯзгорон, рушди мунтазами касбии омӯзгорон, мубодилаи таҷрибаи пешрафта ва дастгирии методӣ;

- таҳқиқи самаранокии мониторинг ва таҳлили татбиқи стандартҳо ва барномаҳои таълимӣ бо дарназардошти такмил ва мутобиқсозии онҳо ба талаботи замони муосир;

- омўзиш, мушоҳида ва таҳқиқи самаранокии истифодаи воситаҳои муосири арзёбие, ки бо мақсади баланд бардоштани сифати таҳсилот, сатҳи дониш, малака ва маҳорати таълимгирандагон ва беҳтар намудани мазмуни онҳо бо дарназардошти стандартҳои байналмилалӣ таҳия гардидаанд;

- арзёбии вазъи таҳияи саволномаҳои тестӣ барои муайян кардани сатҳи дониш, малака ва маҳорати таълимгирандагон дар асоси талаботи стандартҳои фанни, барномаҳои таълимӣ бо дарназардошти такмил ва мутобиққунонии ба меъёрҳои замони муосир;

- омўзиш ва таҳқиқи раёсату шуъбаҳои маориф, роҳбарияти ҳама зинаҳои таҳсилот дар таъмини рушди касбии омўзгорони фанни, арзёбии дақиқ ва шаффофи дониш, малака ва маҳорати таълимгирандагон;

- таҳқиқи самаранокии татбиқи арзёбии ташаккулдиҳанда дар фарогирии таълимгирандагон ба фаъолияти пурсамар, худбаҳодиҳӣ дар раванди омўзиш ва бартарафсозии мушкилоти ошкоргардида;

- таҳияи тавсияҳои методи барои омўзгорони фанҳӣ (арзёбии дохилисинфӣ);

- омўзиш, мушоҳида ва таҳқиқоти нақши ҳавасмандгардонии муассисаҳои таълимӣ дар таҳияи супоришҳо чиҳати арзёби, таҳлили натиҷаҳои аттестатсия, имтиҳоноти марказонидашудаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёна, олии касбӣ ва пешниҳоди ҳисобот ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

17. Таҳияи нишондиҳандаҳо (индикаторҳо)-и таҳлилии муассир дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣ бо дарназардошти хусусиятҳои низоми маорифи миллӣ:

- таҳияи низомнома оид ба низоми арзёбии миллӣ;

- истифодаи нишондиҳандаҳои расмӣ ҳамчун асос барои амалисозии раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;

- фаъолгардонии механизмҳои муосири арзёбӣ дар сатҳи миллӣ;

- омода кардани саволномаҳо барои арзёбӣ дар асоси намунаҳои арзёбии байналмилалӣ;

- таҳияи дастурҳои методии арзёбӣ барои мақомоти ваколатдор дар соҳаи арзёбӣ;

- ба роҳ мондани таҳлилҳои мунтазами сифати таҳсилот бо истифода аз воситаҳои арзёбии муосир;

- таҳияи пурсишномаи ягона барои муайян кардани мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар амалигардонидани таҳсилоти босифат;

- таҳия ва ҷори намудани низоми дастгирии омўзгорон дар раванди фаъолияти таълимӣ бо такя ба методологияи рушди муттасили касбӣ, ки тавассути ташхис, банақшагирӣ, татбиқ ва бознигарӣ амалӣ карда мешавад;

- таҳияи барномаҳои таълимӣ барои таълимгирандагони имконияташон маҳдуд;

- ташкили ҳамкории пайваста байни мақомоти марказӣ ва маҳаллии



ҳокимияти давлати дар асоси корҳои таҳлилии ба натиҷаи арзёби асосёфта:

- гузаронидани таҳқиқоти марҳилави бо истифода аз маълумоти арзёбиҳои байналмилалӣ бо дарназардошти хусусиятҳои низоми маорифи миллӣ;

- ҷори намудани усулҳои таҳлили арзёбӣ дар сатҳи гуногун ва татбиқи раванди ташхис, банақшагирӣ, истифода ва бознигарӣ;

- фаъолгардонии нақши роҳбарони муассисаҳои таълимӣ дар таҳлил ва таъмини сифати таҳсилот дар асоси натиҷаҳои арзёбиҳои ҷорӣ ва ҷамъбастӣ;

- такмили малака ва маҳорати касбии омўзгор тавассути усул ва технологияҳои муосири таълим;

- ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар раванди мониторинг барои баланд бардоштани самаранокии раванди таълим;

- таҳияи маводди таълимию методӣ ва роҳнамо вобаста ба технологияи нави арзёбӣ;

- иштироки фаъолонаи кишвар дар арзёбиҳои байналмилалии сифати таҳсилот;

- муҳайё намудани шароити мусоид барои иштирок дар ҳама намуди арзёбиҳо.

18. Натиҷаи арзёбӣ чиҳати мубодилаи таҷриба, ҳамкории илмию таълимӣ ва дастгирии молиявию техникӣ амалӣ гардида, инчунин барои рушди муносибатҳои байналмилали дар соҳаи маориф мусоидат менамояд.

19. Натиҷаи арзёбии байналмилалӣ барои такмили минбаъдаи методологияи таълим ва ҷорӣ намудани усулҳои муосири арзёбӣ замина мегузорад:

- таҳияи барномаҳо бо истифода аз натиҷаҳои арзёбиҳои байналмилалӣ;

- таҳияи нақша ва барномаҳои таълимӣ мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ;

- такмил додани барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисоси омўзгорон дар асоси натиҷаҳои ноилгардидаи арзёбӣ.

20. Нишондиҳандаҳои мақсаднок:

- баланд гардидани сифати таҳсилот мутобиқ ба талаботи стандартҳои давлатӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва арзёбии байналмилалӣ;

- талабот ба хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар бозори меҳнат ва дастовардҳои онҳо барои рушди иқтисодиёти миллӣ;

- таҳким ёфтани заминаи моддӣ-техникӣ ва технологияи рақамӣ;

- ташаккули муҳити рақобатпазир, эҷодкорӣ, навоварӣ байни омўзгорон ва таълимгирандагон.

21. Дар марҳилаи ниҳоии амалисозии Стратегияи мазкур сифати таҳсилот дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот таъмин карда шуда, натиҷагирии он то 100 дарсад баланд бардошта мешавад.

22. Натиҷаҳои омӯзиш, ташаккули салоҳиятҳои асосӣ ва фаннӣ барои баланд бардоштани сифати таҳсилот мусоидат мекунад:

- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф;

- таҳияи стандартҳои давлатии таҳсилоти умумӣ, стандартҳои таълимӣ (фаннӣ)-и таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва баъдидипломӣ бо дарназардошти талаботи замони муосир ва меъёрҳои байналмилалӣ;

- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба нақшаву барномаҳои таълимӣ дар ҳама зинаҳои таҳсилот бо дарназардошти дастовардҳои илмӣ, дархости корфармоён, таълимгирандагон, инчунин вобаста ба хусусиятҳои асосии физиологию синнусолӣ ва таълимгирандагони имконияташон маҳдуд;

- таҳия ва таҷдиди назар намудани мазмун ва мундариҷаи китобҳои дарсӣ бо дарназардошти талаботи стандартҳои фаннӣ ва барномаҳои таълимӣ;

- таҳияи дастурҳои методӣ ва маводди таълимӣ барои омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо дарназардошти татбиқи технологияҳои муосири таълим;

- муайян кардани самаранокии истифодаи технологияҳои муосири таълим, таҷҳизонидани кабинетҳои таълимӣ бо таҷҳизоти муосир, таъмини ҳамгироии илм бо истеҳсолот, рушди салоҳиятҳои асосӣ ва фаннии таълимгирандагон дар раванди таълим ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилот;

- иҷрои талаботи стандартҳои фаннӣ ва барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ.

## 6. МАБЛАҒГУЗОРИИ СТРАТЕГИЯИ МАЗКУР

23. Стратегия аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ, ки ҳамасола ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд, ҷудо карда мешаванд, инчунин сармоягузории хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва шарикони рушд, шарикони иҷтимоӣ ва сарчашмаҳои дигари маблағгузорӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ мегардад.

24. Андозаи маблағгузорӣ бо дарназардошти чорабиниҳои мушаххас дар нақшаи амали Стратегия, ки барои ҳар се сол таҳия мегардад, пешбинӣ карда мешавад.

## 7. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ СТРАТЕГИЯИ МАЗКУР

25. Мониторинг ва арзёбии Стратегияи мазкур аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм, назорат дар соҳаи маориф ва илм, инчунин дар соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ гузаронида мешавад.

26. Мониторинг ва арзёбии Стратегия тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронида мешавад.

## 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

27. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм, назорат дар соҳаи маориф ва илм, инчунин дар соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ барои таъмини амалисозии самараноки Стратегияи мазкур масъулият доранд.

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «28» феврали соли 2025, №141

Нақшаи амали Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044 дар солҳои 2025-2027

| № | Номгӯйи чорабиниҳо | Мӯҳлати иҷро (солҳо) | Натиҷаҳои ниҳоӣ | Маблағгузорӣ (бо ҳазор сомонӣ) Арзиши умумӣ | Буҷети пешбинишудаи соли молиявӣ барои вазорату идораҳо | Шарикони рушд | Иҷрокунандагон |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Таҳия ва тасдиқи санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи раванди мониторинг ва арзёбии сифати таҳсилот | 2025 | Санадҳои дахлдор дар самти мониторинг ва арзёбии сифати таҳсилот дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот таҳия ва тасдиқ карда мешаванд | 504.0 | 126.0 | 378.0 | Вазорати маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Маркази миллии тестӣ |



| № | Номгӯйи чорабиниҳо | Мӯҳлати иҷро (солҳо) | Натиҷаҳои ниҳоӣ | Арзиши умумӣ | Буҷети пешбинишудаи соли молиявӣ барои вазорату идораҳо | Шарикони рушд | Иҷрокунандагон |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2. | Таҳия ва омода кардани воситаҳои арзёбӣ барои муассисаҳои таълимӣ | 2025 | Барои муассисаҳои таълимӣ воситаҳои арзёбӣ таҳия ва омода карда мешаванд | 215.5 | 13.7 | 201.8 | Вазорати маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Маркази миллии тестӣ |
| 3. | Омӯзонидани мутахассисон оид ба истифодаи воситаҳои таҳияшудаи арзёбии сифати таҳсилот дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот | 2025-2026 | Омӯзиши мутахассисони ҳамаи зинаҳои таҳсилот барои арзёбӣ гузаронида мешавад | 55.0 | - | 55.0 | Вазорати маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Маркази миллии тестӣ |
| 4. | Таҳияи нишондиҳандаҳо ва воситаҳои арзёбии дохилисинфӣ дар зинаи таҳсилоти умумӣ | 2025-2026 | Нишондиҳандаҳо ва воситаҳои арзёбии дохилисинфӣ дар зинаи таҳсилоти умумӣ таҳия мешавад | 431.0 | - | 431.0 | Вазорати маориф ва илм, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Маркази миллии тестӣ |
| 5. | Таҷдиди назар намудани стандарт, нақшаву барномаҳои таълимӣ тибқи натиҷаҳои арзёбӣ | 2027 | Стандарт, нақшаву барномаҳои таълимӣ таҷдиди назар карда мешаванд | 432.0 | - | 432.0 | Вазорати маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 6. | Омӯзиши таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷӣ дар самти арзёбии сифати таҳсилот | 2025-2027 | Мутахассисон барои омӯзиши ба кишварҳои пешқадам сафарбар карда мешаванд | 1046.1 | - | 1046.1 | Вазорати маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Маркази миллии тестӣ |
| 7. | Фароҳам овардани шароит барои иштирок дар арзёбиҳои байналмилалӣ | 2025-2027 | Барои иштирок дар арзёбиҳои байналмилалӣ шароити мусоид фароҳам оварда мешавад | 190.2 | - | 190.2 | Вазорати маориф ва илм, Маркази миллии тестӣ |
| 8. | Муқаррар кардани фосилаи байни арзёбиҳо бо дарназардошти хароҷот ва буҷети воқеӣ | 2026 | Фосила баъди ҳар се сол муқаррар ва арзёбӣ бори нахуст дар соли 2027 гузаронида мешавад | 1206.0 | - | 1206.0 | Вазорати маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Маркази миллии тестӣ |
| 9. | Мусоидат ҷиҳати такмили мазмуни адабиёти таълимӣ ва раванди ислоҳоти арзёбии сифати таҳсилот | 2026-2027 | Мазмуни адабиёти таълимӣ ва раванди ислоҳоти арзёбии сифати таҳсилот такмил дода мешавад | 2160.0 | - | 2160.0 | Вазорати маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Маркази миллии тестӣ |



| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 10. | Таҳияи модулҳо, дастурҳои методӣ ва омода намудани тренерони сатҳи миллӣ ва минтақавӣ оид ба арзёбии миллӣ | 2025-2026 | Модул, дастурҳои методӣ ва тренерони сатҳи миллӣ ва минтақавӣ оид ба арзёбии миллӣ омода мешаванд | 58.21 | 20.0 | 38.21 | Вазорати маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Маркази миллии тестӣ |
| 11. | Таҳия ва тасдиқи индикаторҳои арзёбии сифати таҳсилот барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот | 2025 | Индикаторҳои арзёбии сифати таҳсилот барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот таҳия ва тасдиқ карда мешавад | 461.3 | - | 461.3 | Вазорати маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм |
| 12. | Баргузории конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи «Дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои татбиқи арзёбиҳои миллӣ ва байналмилалӣ» | 2027 | Конференсияи байналмилалӣ гузаронида мешавад | 3474 | 65.0 | 3409 | Вазоратҳои маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, ташкилотҳои ҷамъиятӣ |
| 13. | Таъмин намудани раёсат, шуъба, бахш ва гурӯҳҳои идоракунии сифати таҳсилот бо технологияҳои муосири таълим барои арзёбии сифати таҳсилот | 2025-2027 | Раёсат, шуъба, бахш ва гурӯҳҳои идоракунии сифати таҳсилот барои арзёбии сифати таҳсилот бо | 1263.25 | - | 1263.25 | Вазорати маориф ва илм |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | технологияхои муосири таълим таъмин мегарданд | | | | |
| 14. | Иштирок дар барномаи байналмилалии арзёбии натиҷаҳои таълимии хонандагон | 2025-2026 | Тоҷикистон дар арзёбиҳои байналмилалӣ иштирок мекунад | 2712.0 | | 2712.0 | Вазорати маориф ва илм, Маркази миллии тестӣ |
| 15. | Баррасии натиҷаҳои мониторинг ва арзёбии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ | 2027 | Натиҷаҳои мониторинг ва арзёбӣ баррасӣ мегарданд | 993.2 | 993.2 | | Вазорати маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Маркази миллии тестӣ |
| 16. | Омода намудани мутахассисони касбӣ оид ба ҷамъоварӣ, коркард ва истифодаи маълумоти оморӣ дар соҳаи маориф дар сатҳи маҳаллӣ ва миллӣ | 2025-2026 | Омӯзиш ва семинар-машваратҳо гузаронида мешавад | 2508 | | 2508 | Вазорати маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Маркази миллии тестӣ |
| 17. | Такмили ихтисоси мутахассисони вазорату идораҳои дахлдор дар самти арзёбиҳои байналмилалӣ | 2025-2027 | Таҷрибаи мутахассисон такмил дода мешавад | 208.0 | | 208.0 | Вазорати маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Маркази миллии тестӣ |
| 18. | Такмили шуъба (бахш)-и | 2025- | Шуъба (бахш)-и | 1100.0 | - | 1100.0 | Вазорати маориф ва |



| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 18. | Такмили шуъба (бахш)-и низоми иттилоотии идоракунӣ дар самти ҷамъоварии маълумоти оморӣ оид ба рушди сифати таҳсилот | 2025-2027 | Шуъба (бахш)-и низоми иттилоотии идоракунӣ дар самти ҷамъоварии маълумоти оморӣ такмил дода хоҳад шуд | 1100.0 | - | 1100.0 | Вазорати маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Маркази миллии тестӣ |
| | Ҳамагӣ | | | 19017.76 | 1217.9 | 17799.86 | |

Приложение 1
к постановлению Правительства
Республики Таджикистан
от «28» февраля 2025 года, №141

Национальная стратегия оценки качества образования
в Республике Таджикистан на период до 2044 года

## 1. ОБЩИЕ ПОЛОЖЕНИЯ

1. Национальная стратегия оценки качества образования в Республике Таджикистан на период до 2044 года (далее - Стратегия) разработана на основе Национальной концепции оценивания качества образования в Республике Таджикистан на период до 2044 года, утверждённой постановлением Правительства Республики Таджикистан от 29 апреля 2024 года №240. Стратегия как, инструмент реализации указанной Концепции направлена на совершенствование системы образования с целью обеспечения качества образования посредством внедрения системы оценивания.

2. Стратегия также направлена на совершенствование процесса обучения, способствует повышению качества образования в Таджикистане и создаёт основу для участия в международной оценке качества образования.

3. Качество образования оценивается с учётом обеспечения благоприятных условий для обучения и воспитания, кадрового потенциала, учебной литературы, соответствующей умственным и физиологическим способностям обучающихся и воспитанников, учебных средств, методических и наглядных материалов, а также освоения учебных и воспитательных программ в соответствии с требованиями государственных образовательных стандартов.

## 2. АНАЛИЗ СИТУАЦИИ

